Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» иҷро шудааст ва дар он масъалаҳои равандҳои ташкили таҳсилот тибқи стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, инчунин таъмин намудани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бозори дохиливу ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва дар ин замина, тайёр намудани мутахассисони баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат инъикос ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки ислоҳоти соҳаи маорифро дар муассисаҳои миёнаи касбии мамлакат хамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намуда, фаъолияти онҳоро барои дар сатҳи зарурӣ, мувофиқи талаботи имрӯза ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия нишон диҳад. Дар автореферати диссертатсия ҷадвал ва графикҳои зиёд оварда шудаанд, ки онҳо доир ба шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, шумораи донишҷӯён, тавсифи сифатии онҳо, динамикаи қабул ва хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар минтақаҳои мамлакат, шумораи омӯзгорон, муқоисаи индикаторҳои сифатӣ ва ғайра оварда шудаанд, ки ҳар кадоме барои равшан гардидани муносибати бозорӣ мусоидат менамоянд.

Муҳаққиқ дар автореферат танҳо бо овардани нишондиҳандаҳои оморӣ қаноат накарда, худаш низ аз муассисаҳои миёнаи кабӣ қисме аз маълумоти мавриди ниёзро ҷустуҷӯ ва дастрас намуда, барои боз ҳам мустаҳкам шудани қисмати таҳлили кор истифода намуд ва дар доираи онҳо хулосаву тавсияҳои судмандро барои рушди ин соҳа пешниҳод намудааст.

Дар автореферати диссертатсия оид ба муқаддима, шарҳи мухтасари бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт маълумотҳои мухтасар оварда шудааст.

Аз матни автореферати диссертатсия чунин бармеояд, ки муаллиф аз манбаъ ва маъхазҳои мухталиф ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде истифода намуда, дар баробари нишон додани муқарраароти мавҷуда ва мулоҳизаҳои олимон дар бораи мавзуи баррасишаванда, инчунин фикру ақидаи шахсии худро ба таври сареҳ ва возеҳу равшан баён намудааст.

Муаллиф тавонистааст, ки дар тадқиқоти анҷомдодааш ба талаботи байналмилалӣ мувофиқ намудани тайёркунии кадрҳоро бо баҳисобгирии

модели рушди инноватсионии Тоҷикистон ва татбиқи афзалиятҳои инкишоф дар асоси илмӣ пешниҳод гардонидааст.

Новобаста аз оне, ки рисолаи унвонҷу мустақилона анҷомдодашуда ва дорои муваффақияти калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид, агар ба масъалаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд:

Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар автореферат муаллиф оид ба масъалаи бо ҷойи кор таъмин гаштани хатмкунандагони муваффақ ва баландихтисоси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маълумоти мушаххасро таҳлил менамуд.

Ба андешаи мо камбудии зикршуда ба сифати баланди кори илмии иҷрошуда таъсири манфи намерасонанд ва моҳияти тавсиявӣ доранд.

Албатта, камбудии зикршуда ислоҳпазир аст ва дар маҷмуъ автореферати диссертатсия аз дигар корҳои илмии иҷрошуда бо мушаххасии мавзуъ, анҷомдиҳии ҳаҷми зиёди корҳои тадқиқотии воқеӣ ва арзёбии дақиқи масоили баррасигардида фарқ менамояд.

Умуман кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Ҷоизи қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ализода Ҳуснигули Соҳиб сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодгардида мебошад.

Тақриздиҳанда,
Номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири
кафедраи менеҷмент ва соҳибкории
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи
Шириншо Шотемур, дотсент Бобоазиззода Ш. А.

Имзои Бобоазиззода Ш. А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н. А.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Рудакӣ, 146.
Тел. +992939 80 02 02. E-mail shamshodb@mail.ru